| | |
|---|---|
| Вазорати молияи<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>аз «18» апрели соли 2014<br>№ 3-12а/1 | Кумитаи андози назди Ҳукумати<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>аз «18» апрели соли 2014<br>№ 1-Ф |

# ФАРМОИШ

«Оид ба индексатсияи андозаҳои
пардохт барои патент»

Мутобиқи банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2013, №361 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451»

Ф а р м о и ш   м е д и ҳ е м:

1. Маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2014, №7-1 вобаста ба сатҳи таваррум аз рӯи индекси нархҳои истеъмолӣ дар соли 2013, дар ҳаҷми 3,7% ҳамчун меъёри индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент қабул карда шавад.

2. Бо дарназардошти сатҳи таваррум дар соли 2013 андозаҳои индексатсияшудаи пардохт барои патент (андоз аз даромад, андози иҷтимоӣ) мувофиқи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, тасдиқ карда шаванд (замима мешавад).

3. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

4. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани Фармоиши мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.

5. Фармоиши мазкур аз 1 майи соли 2014 мавриди амал қарор дода шавад.

| | |
|---|---|
| Вазири молияи<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | Раиси Кумитаи андози назди<br>Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| _______________ А. Қурбонов | _______________ Н. Давлатзода |